# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи “Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D060700 – Биология 6D060732–Физиология**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 назди Донишгохи миллии Точикистон дар ҳайати зерин: раис, доктори илмҳои биологӣ Амиршозода Ф.С. ва аъзоёни комиссия - доктори илмҳои биологӣ Джураева У.Ш. ва номзади илмҳои биологӣ Иронова С.Ш. бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, бо назардошти тағийру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) ташкил карда шуд.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи номзадии Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи “Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таҳсил” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руйи ихтисоси 6D060700– Биология, 6D060732-Физиология ва муҳокимаи он чунин хулоса кабул намуд.

Мавзуи рисолаи номзадии Раҷабзода А.М. актуалӣ мебошад, ки дар он бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қиёси омӯзиши ҳолати функсионалии майнаи сари хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ва таъсири омилҳои гуногун ба организми хонандагон ва тағйирёбии шиддатнокии эҳсосии онҳо дар раванди таълим гузаронида шудааст ва ин таҳқиқоти аввалин ба ҳисоб меравад.

Мавзуи рисолаи номзадии Раҷабзода Афзал Мирзо, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 6D060732- Физиология, ки аз

руйи он ба шуро қабул, ва баррасӣ намуда бари ва ҳимояи он иҷозат дода шудааст.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи комиссияи олии аттестатсиони (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6D060732-Физиология ва самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумхурӣ мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия пурра бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда оид ба таъсири стресси имтиҳони ба ҳолати равонӣ ва физиологии хонандагон дар раванди таълим ва мутобиқшавии онҳо мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсионии Раҷабзода А.М. мубраму муҳим буда, барои ба эътибор гирифтани ҳолатҳои шиддатнокии равонӣ ва эҳсосии фаъолияти олии асаб ва типҳои он, паҳлуҳои назариявӣ ва амалии онҳо ҳангоми таълим додану тарбия намудан аз ҳар ҷиҳат масъалаи басо муҳим маҳсуб меёбад. Қобилияти барқароршавӣ, коршоямии варзишгарон ва мутобиқ шудан ба шароити тағирёбандаи раванди тамринҳо бахшида шудааст. Чунин талаботи ҷиддӣ ба рушду инкишофи арзишҳои ахлоқӣ ва рушди ҷаҳони маънавии хонандагон мусоидат намуда, заминагузор ва боис ба ҳаматарафа васеъ гардидани фитрати хонандагон мегардад бахшида шудааст.

Таҳсил дар мактабҳои типи нав махсусияти худро дорад, ки бо касбияти мактаби олӣ алоқаманд буда, дар шароитҳои гуногун зиндагӣ кардан, ба монанди хобгоҳ, истеъмоли ғизо, иҷроиши сарбории иловагӣ ва дигар омилҳое, ки ба организми хонандагон таъсири гуногунҷабҳа мерасанд, аз ҳолати функсионалии системаҳои физиологӣ вобаста аст.

Яке аз омиле, ки дар байни дигари онҳо мавқеи намоёнро ишғол мекунад, стресси имтиҳонӣ мебошад, ки дар хонандагон муассисаҳои таълимӣ шиддатнокии эҳсосӣ равониро ба амал меорад, ва дар хонандагон стресси асабонишавӣ ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, дар имтиҳон сабаби осеб дидани вазъи руҳӣ низ мегардад.

Ҳолати имтиҳон реаксияи занҷириро аз қишри майнаи сар, сар карда, то ҳуҷайраҳои хурдтарин ва молекулаи онҳо ба амал меорад. Дар натиҷа вайроншавии танзими системаи дилу – рагҳо, баландшавии ҳаҷми систолавӣ ва ҳолати дақиқавии хун тезшавӣ ё сустшавии набзи артериявӣ ба назар мерасад. Вобаста аз андозаи миёнаи зудии кори дил шароити стресс бо зиёдшавии сарбории ҷисмонӣ рост меояд. Шиддатнокии тӯлони ва аён метавонад фаъолшавии шуъбаҳои симпатикӣ ва парасимпатикии системаи вегетативии асаб ва равандҳои гузариш вайроншавии гомеостази вегетативӣ ва баландшавии қобилиятнокии реаксия системаи дилу рагҳо, аз ҷумла, баландшавии фишори артериявиро ба амал меорад. Сарборий фикрӣ ва равонӣ–эҳсосӣ кори системаи нейроэндокриниро ҳамчун стресси музмин, ки тағйирёбии мубодилаи моддаҳо, аз ҷумла, сафедаро ба амал меорад, тафсиф карда мешавад.

Ҳамин тавр, стресси имтиҳони яке аз манбаи асосии таъсири манфӣ расонанда ба саломатии хонандагон ба ҳисоб меравад. Ин мушкилоти як ду нафар набуда характери оммавӣ дорад, ки ҳар сол қариб садҳо ҳазор хонандагонро дар бар мегирад. Аз ин ҷиҳат рисолаи номзадии Раҷабзода А.М. барои омӯзгорон хонандагон актуалӣ мебошад, зеро бори аввал ба таври қиёсӣ дараҷаи равонӣ физиологӣ, эҳсосии хонандагон дар мактабҳои типи нав ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таълим, ҳангоми супоридани имтиҳонҳои гузариш аз синф ба синф ва имтиҳонҳои хатм натиҷаҳои назаррас мебошад.

**Мақсади таҳқиқот;** Омӯзиши шиддатнокии равони, физиологӣ, типҳои фаъолияти олии асаб ва дараҷаҳои гуногуни донишазбаркунии хонандагон дар муассисаҳои типи нав, муассисаи таълимӣ, мактаби Президентӣ ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми таҳсил ва супоридани имтиҳонҳои аз синф ба синф гузаштан ва хатми муассиса ба роҳ монда шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Диссертант аввалин маротиба ба таври қиёсӣ ва якҷоя фаъолияти хонандагонро дар шароитҳои гуногуни таҳсил

омӯхтааст. Инчунин қобилиятнокии махсус вобаста аз характер ва раванди имтиҳонро муайян намуда таъсири баъзе омилҳоро ба шиддатнокии фаъолияти хонандагон омӯхтаст. Коркарди усули муосир оид ба баҳодиҳӣ ва пешгӯии дараҷаи шиддатнокии функсионалии хонандагонро вобаста аз шакли имтиҳон ва синну сол, шароитҳои гуногун ва таъсири ин омилҳо ба ҳолати функсионалии организми хонандагонро аввалин маротиба дар ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нишон додааст, ки дар шароити меъёрии таълим дар хонандагои муассисаҳои типи нав назар ба муасиссаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дараҷаи донишазбаркунӣ баланд буда, шиддатнокии равонӣ ва эҳсосӣ дар онҳо нисбатан аён мушоҳида карда мешавад. Диссертант бори аввал ба таври қиёсӣ муайян кардааст, ки дар хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба хонандагони литсей дараҷаи тезмондашавии эҳсоси равонӣ-физиологӣ мушоҳида мегардад, ки ин ба рафти донишазбаркунӣ ва мутобиқшавии онҳо таъсири манфӣ мерасонад, ва ҳолати тағйирёбии шидатнокии эҳсосӣ дар хонандагон вобаста ба мизоҷ ва типи фаъолияти асаби онҳо муайян карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Бори аввал диссертант ба таври қиёсӣ ба хонандагони сатҳи донишандузии гуногундошта, тарзи қабули имтиҳонҳо, баҳогузори ба онҳоро муайян кардааст. Нишон додааст, ки коркарди методӣ баҳодиҳӣ ва пешгуии дараҷаи шиддатнокии функсионалии хонандагон ва динамикаи он дар шароитҳои гуногун имконият медиҳад, ки бо сифати баланд ва дараҷаи нав ба ҳолати шиддатнокии функсионалии хонандагон вобаста аз синну сол, тавсифи шахсӣ, баҳо додан ба характер, мизоҷи онҳо ва дараҷаи таъсири омилҳои гуногуни раванди таълим ба роҳ монда шавад. Оиди натиҷаҳои таҳқиқот коркарди методӣ ва тавсияҳо ва истифодаи натиҷаҳо дар ҷараёни таълим, ҳам санад оиди амалигардони пешгуиро осон гардонида имконияти муайян намудани дараҷаи таъсири омилҳои номусоидро дар раванди таълим муайян мекунад. Маводҳои ба

дастовардашуда маълумотҳои васеъро оиди мутобиқшавии психофизиологии хонандагон ба таълим муайян намуда имконияти истифодаи онро дар ҷараёни таълим пешниҳод менамояд. Новобаста аз он, ки талабот нисбати маълумоти мактаби Президенти назар ба хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умуми бештар мебошад мутобиқшавӣ ба таҳсил дар онҳо хуҷайраҳо барқарор мешавад.

**Саҳми шахсии довталаб дарҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

Диссертант шахсан дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, аз он ҷумла таҳлили сарчашмаҳо ва адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ шахсан худи ӯ мавзуъро интихоб намуда, нақшаро коркард карда усулҳои гузаронидани таҳқиқот, мақсад ва вазифаи рисоларо дақиқу равшан намудааст. Ҳамаи қисмҳои кори илмӣ аз тарафи, унвонҷӯ иҷро карда шудааст. Ҷамъоварии коркарди оморӣ, таҳлили маводи таҳқиқот, навиштан, таҳия кардан ва шарҳ додани натиҷаҳои таҳқиқот аз тарафи унвонҷӯ мустақилона иҷро шудааст. Дар асоси ҷамъбасти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии хешро пешниҳод кардааст. Ҳиссаи иштироки муаллиф дар таҳияи рисола 90%-ро ташкил медиҳад.

**Оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ** дар таълифоти нашршудаи довталаб 9 мақола аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4-мақола ва фишурдаҳое,ки дар дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия ва автореферат пурра ба талаботи пешниҳодгардида ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад Натиҷаҳо ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии** бадастомада бо истифодаи усулҳои классикӣ ва муосири физиологӣ, тахдили натиҷаҳо

тасдиқ карда шудаанд. Натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастовардашуда боэътимод буда, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд. Натиҷаҳои дар диссертатсия дарҷ гардида дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ гузориш ва муҳокима карда шудаанд.

Комиссияи экспертии дисертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз руйи ихтисоси 6D060700-Биология (6D060732)-Физиология баррас намуда, дар асоси банди 60 тартиб додани дараҷаи илмӣ

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Раҷабзода Афзал Мирзо дар мавзуи «Омӯзиши ҳолати шиддатнокии равонӣ ва физиологии организми хонандагон дар раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD)- доктор аз руйи ихтисоси 6D060732-Физиология дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-051 дар назди факултети биологияи Донишгоҳии миллии Тоҷикистон қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқотиашон, ба ихтисоси 6D060732 - Физиология мувофиқат оранд бба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд.

- Табариён Бахром Сафар - доктори илмҳои тиб, профессор, директори Пажуҳишгоҳи тибби бунёдии Донишгохи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни.Сино;
- Шамсудиннов Шабон Наҷмуддинович - номзади илмҳои биологӣ, дотсент, мудири озмоишгоҳи ҷигар ва ғадуди зери меъда-и МД Пажуҳишгоҳи гастроэнтерологияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи таълимии гайридавлатии Донишкадаи тиббӣ - ичтимоии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои чойгир намудани эълон оид ба х;имояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгохд миллии Точикистон ва КОА назди Президента Ҷумҳурии Точикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 дона) ва ирсол гардонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои биологӣ,
ноиби Президенти Академияи
илмҳои кишоварзии Тоҷикистон /______/ Амиршозода Ф.С.

**Суроға:** индекс 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21-А. Телефон: (+992) 221-70-74. E-mail:aikt91@mail.ru

Имзои Ф.С.Амиршозодаро тасдиқ мекунам:
Сармутахассис оди ба кадри АИКТ /______/ Ғаниева Г.Э.
"__4__" ___08___ 2026

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
Доктори илмҳои биологӣ,профессори
кафедраи химия ва биологияи
факултети илмӣ-табиатшиносии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон /______/ Джураева У.Ш.

Имзои У.Ш.Джураеваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ /______/ Исмоилова М.Н.
"__4__" ___08___ 2026

**Суроға:** индекс 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30. Телефон (+992) 37-221-35-50.
E-mail: p.rektora@mail.ru
"_____" _________ 2026

Мудири кафедраи анатомия ва физиологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ, номзади илмҳои биологӣ /______/ Иронова С.Ш.

**Суроға:** индекс 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Телефон: (+992) 224-13-83. E-mail: info@tgpu.tj

Имзои С.Ш.Ироноваро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ Қодирзода С.
"__4__" ___08___ 2026

6.08.2026